UNDP
Тоҷикистон

# ҲАМКОРӢ

№2, 2009

ЗАМИМАИ МАХСУСИ ҲАФТАВОРИ «ASIA-PLUS»

# Беморii силро дар ҳамдастӣ бозмедорем

«Ҳамоҳангсозии кӯшишҳо дар мубориза бар зидди бемории сил» - тахти ин унвон 17-уми март дар пойтахт нишасти хабарӣ бо иштироки муовини Вазири тандурустии ЧТ Соҳибназар Раҳмонов, Сафири ИМА дар Тоҷикистон Трейси Энн Ҷейкобсон ва дигар ашхоси расмии мақомоти давлатию байналмилалӣ баргузор гардид. Конфронси матбуотӣ дар доираи тренинги дурӯза барои рӯзноманигорон аз ҷониби Вазорати тандурустии ҶТ ва Мактаби мустақили рӯзноманигории «Тоҷикистон – асри XXI» бо дастгирии молиявии USAID тавассути Лоиҳаи ҲОУП ва Хазинаи Глобалии мубориза бар зидди ВНММ (СПИД), сил ва табларза гузаронида шуд.

**Дар ҷараёни нишасти хабарӣ муовини Вазири тандурустии ҶТ Соҳибназар Раҳмонов дар масоили зайл изҳори назар кард:**

Оқибатҳои нохуши ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон то имрӯз эҳсос карда мешавад. Нобасомониҳое, ки дар соҳаи тандурустӣ ҳаст, аз ҷумла, бемории сил, натиҷаи манфии он айём аст. Нафаре, ки соли 1992 таваллуд шуд, имрӯз хабдаҳ сол дорад. Мо дар бисёр нуқтаҳои доғи кишвар, аз ҷумла, дар ноҳияҳои Восеъ ва Ҳамадонӣ будем. Ба мо маълумот доданд, ки миёни мактаббачаҳои ноҳияҳои мазкур эмкунӣ то 95% аст, аммо ҳангоми маврид санҷиш қарор додани муҳассилини то 12-сола пайи эмро танҳо дар 32% дидем. Яъне насле, ки дар давраи ноором ба дунё омад, берун аз дастгирии тиббӣ қарор дошт.

## Барномаҳо

Соли 1996 дар кишвар Барномаи мубориза алайҳи сил қабул шуд. Вале ба ҳадафҳои ниҳоии он расида натавонистем, чунки он замон ҳукумати мо имкони ҷудо намудани маблағ надошт ва дастгирии молиявӣ аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дар сатҳи зарурӣ набуд. Аз ин лиҳоз, соли 2002 барномаи дигар қабул карда шуд, ки мубориза алайҳи силро то соли 2010 дар бар мегирад.

Алъон роҳбарияти Вазорати тандурустӣ як гурӯҳи кории босалоҳият ташкил кардааст, то барои 5 соли оянда (2010-2015) барномаи фарогири мубориза алайҳи силро таҳия намуда, дар сатҳи ҳукумат ба имзо расонад.

Барномаҳо соҳавӣ ва миллӣ мешаванд. Агар мушкилоти силро танҳо кормандони соҳаи тандурустӣ ҳал карда метавонистанд, барнома ҳатман соҳавӣ мешуд. Аз он лиҳоз, ки бемории сил бемории иҷтимоист ва Вазорати тандурустии ҶТ ба танҳоӣ ҳалли мушкилоти мазкурро таъмин карда наметавонад, барнома миллӣ шуд. Инчунин дар сатҳи Ҳукумати ҶТ Кумитаи ҳамоҳангсозии миллӣ ташкил карда шуд, ки роҳбарии онро ҷонишини сарвазир ба ӯҳда дорад. Ҳама вазорату кумитаҳои дахлдор барои ба ҳадафҳои ниҳоӣ расидани ин барнома бояд саҳмгузор бошанд ва вазифаҳои ба дӯши онҳо вогузоштаро ҳаллу фасл намоянд.

## Дастовардҳо

Аз буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ дар соли 2008 нисбат ба соли 2004 се маротиба афзуд. Аз Хазинаи глобалии мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза маблағҳоеро, ки барои хариди доруворӣ то соли 2014 пешбинӣ шудааст, гирифтем. Дар натиҷаи амалисозии барномаи замонаи моддию техникӣ пурқувват гардид. Танҳо соҳаи силшиносии Вазорати тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо соҳиби 53 адад нақлиёт, 80 адад компютеру принтер ва маводи бақайдгирӣ гардид. Инчунин 3 марказ ва 4 беморхонаи зиддисилӣ сохта шуд, 14 лабораторияи ташхиси балғам пурра ва 37 лабораторияи дигар қисман таъмир карда шуд. 18 дастгоҳи рентгенӣ дастрас гардид ва 112 микроскопи бинокулярӣ ба кишвар ворид карда шуд.

## Кӯмак

Хазинаи Глобалӣ дар давраи 3-юм барои солҳои 2004-2008 ба мо ҷиҳати амалӣ сохтани барнома 2 миллиону 200 ҳазор доллар маблағ пешниҳод кард. Сипас барои давраи 6-ум ҳудуди 14 миллион доллар ҷудо карда шуд, ки солҳои 2007-2012-ро дар бар мегирад. Ин қисмат айни замон амалӣ шуда истодааст. Ба як кишвар, ки дар 2 давра кӯмак гирифтааст, хеле кам ба назар мерасад, ки боз дар давраи дигар маблағ ҷудо шавад. Чӣ тавре ки аз расонаҳои хабарӣ маълум аст, ба Тоҷикистон дар давраи 8-ум низ зиёда аз 30 миллион доллар дар самти мубориза алайҳи бемории сил пешниҳод мегардад.

Як чизро бояд фаромӯш накунем, ки агар дастгирии сиёсии Ҳукумати ҶТ набошад, агар нерӯи зеҳниву ақлонии кишвар дар сатҳи зарурӣ набошад, ягон ташкилоти байналмилалӣ ба мо кӯмак намекунад.

## Маоши кормандон

Дар айни ҳол ба ғайр аз моҳонае, ки давлати мо медиҳад, аз Хазинаи глобалӣ пизишкони силшинос иловатан 100 сомонӣ ва ҳамшираҳои шафқат 50 сомонӣ мегиранд. Имсол дар назар аст, ки маоши кормандони соҳаи сил боз ду маротиба зиёд карда шавад. Айни ҳол ин масъала бо дигар вазорату мақомоти дахлдор мувофиқа карда мешавад. Ғайр аз ин, дар ҳар сафари хидматие, ки нозири вобаста, мувини вазир ё вазир мекунанд, дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ҳамеша нисбат ба дастгирии пизишкони силшинос масъалагузорӣ мекунем, ки барои гирифтани замин, ё масоили дигар ба онҳо ёрӣ расонанд.

## Омор

Ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 9 миллион гирифтори сил бори аввал ба қайд гирифта шуда, то 2 миллион нафар аз ин беморӣ мефавтанд (беш аз 5000 нафар дар як рӯз). Аз он ҷумла, дар кишвари мо 406 нафар дар соли 2007 ва 404 нафар дар соли 2008 фавтиданд, ки ин дар маҷмӯъ 5,7 ба 100 000 аҳолӣ аст. Барои мисол, дар соли 2005 фавт дар Тоҷикистон 9,1 ба 100 000 аҳолӣ буд.

Дар маҷмӯъ, имрӯз дар Тоҷикистон 15484 нафар шахсони гирифтори сил дар қайди диспансерӣ ҳастанд. Соли 2008-ум 6115 нафар бемор бори аввал муайян гардида, ба табобат фаро гирифта шуданд. Аз тамоми беморone, ки зери назорати тиббӣ қарор гирифтанд, 83% пурра шифо ёфтанд, 4% фавтиданд ва 4% муолиҷаро қатъ карданд.

Агар дар ин ё он манотиқи кишвар миқдори дарёфти бемории сил зиёд шуда бошад, ин натиҷаи кори хуби кормандони соҳаи тандурустӣ аст. Дар солҳои пеш агар ин рақам набуд, маънои онро надорад, ки мо бемор надоштем. Беморон буданд, аммо онҳо ё ба пизишк эътиқод надоштанд, ё шароит надоштанд, ки мурочиат кунанд. Вақте ташхисгоҳ сохтем, шароит фароҳам овардем, имтиёз додем ва талаб кардем, мурочиат зиёд шуд ва рақамҳои оморӣ афзуд. Агар имрӯз дар дигар нуқоти кишвар ин рақамҳо поин аст, маънои онро надорад, ки дар он ҷо беморӣ кам хуруҷ кардааст. Баръакс, дар он манотиқ нафарони масъул ва кормандони соҳаи тандурустӣ бо аҳолӣ хуб кор намекунанд.

## Табобати мукаммал

Аз рӯйи қоида, беморро дар 2 моҳи аввал, яъне давраe, ки хавфи сироят ба дигарон дорад, дар бемористон табобат мекунанд. Пас аз ин усули ДОТС ҳамин, ки табобат бояд зери назорат бошад. Мутаассифона, қисме аз шаҳрвандони мо аз табобат канда мешаванд. Яъне ба тавсияҳои пизишкон гӯш намедиҳанд. Баъд бемориашон ба намуди мутобиқгашта табдил меёбад. Яъне ин ҳалқаи сарбаста аст. Тамоми ҳуқуқҳоеро, ки қонун ба он бемор додаст, мо бояд ҳимоя кунем. Лекин худи шаҳрванди бемор бояд дарк намояд, ки вай манбаи сироят барои дигарон аст.

## Намуди мутобиқгаштаи сил

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам зиёд шудани намуди мутобиқгаштаи сил мебошад, ки ин ҳам натиҷаи ҷанги шаҳрвандист. Табобати 1 нафари гирифтори ин намуди сил 24 моҳ давом карда, танҳо барои доруворӣ 7 000 доллар лозим аст. Дар ҳоле ки бахри муолиҷаи нафари бори аввал гирифторшуда ҳамагӣ 150 доллар дар тӯли 6 моҳ лозим аст.

Намуди мутобиқгаштаи сил аз куҷо пайдо шуд? Дар давраи нобасомонӣ кормандони соҳаи тандурустӣ имкон надоштанд, ки кӯдакони эми пешгирии бемории сил кунанд. Омили дигар он аст, ки дар муассисоти соҳаи тандурустии кишвар ҳар кас ба хости худ доруҳои зиддисилӣ таъин мекард ва ангезандаи ин беморӣ (микобактерия) зуд ба он доруҳо мутобиқат пайдо кард. Оилаи тоҷик ба ҳисоби миёна 7 нафар аъзо дорад. Агар як нафар гирифтори намуди мутобиқгаштаи сил шуда бошад, атрофиёни ӯ дар сурати сироят ёфтан, алҷакай ба намуди мутобиқгашта гирифтор мешаванд.

## Гурӯҳҳои осебпазир

**Муҳоҷирон.** Тибқи пажӯҳише, ки дар соли 2008 гузаронида шудааст, аз миқдори умумии гирифторони сил 1026 нафар муҳоҷирони меҳнатиянд. Дар маҷмӯъ, миёни гурӯҳҳои осебпазир муҳоҷирони меҳнатӣ дар мадди аввал, ки зиёда аз 16%-ро ташкил медиҳад.

Барои боздоштани ин раванд дар доираи ҳамбастагии иқтисодии Аврупою Осиё бо таклифи Тоҷикистон як гурӯҳи корӣ ташкил шуд, ки раиси он намояндаи Ҷумҳуриамон аст. Бахри ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ, мо намуди тасдиқномаи тиббӣ таҳия сохта, бо тамоми кишварҳои аъзо мувофиқа кардем, ки он имсол қабул мешавад. Минбаъд, пеш аз хориҷи кишвар рафтан ҳар як муҳоҷир бояд аз муоинаи тиббӣ гузарад, то дар мамлакати дигар сарсон шуда, харочоти дубора накунад. Тибқи маълумоти расмӣ, ҳамасола 600 ҳазор муҳоҷири меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар мераванд ва аз рӯйи маълумоти ғайрирасмӣ, ин рақам бештар аст. Соли гузашта ман таҳлил кардам, ҳамагӣ 7100 кас пеш аз сафараш аз муоинаи тиббӣ гузаштааст. Дар байни ин теъдод 45 нафар гирифторони ангезандаи норасоии масунияти одам (ВИЧ) муайян карда шуданд. Онҳоро барои санҷиши иловагӣ аз сафар боздоштем.

Агар миёни он нафароне, ки аз муоинаи тиббӣ мегузаранд, андаке гумон нисбат ба бемории сил бошад, мо онҳоро ҳатман ба маркази зиддисилӣ барои ташхис мефиристем. Аммо нафароне, ки 5-6 моҳ муҳоҷир шуда кор мекунанду бо намуди кушод ё мутобиқгаштаи сил аз хориҷи кишвар бармегарданд, мо наметавонем онҳоро дар фурудгоҳ нигоҳ дорем ва ҳамон лаҳза аз муоина гузаронем.

Бинобар ин, аҳли оила ва наздикони муҳоҷирон, ҳамчунин иммохатибон ва тамоми аҳолиро тавассути расонаҳои хабарӣ бояд омода созем. Ба мардум зарурати пешгирӣ ва ташхису табобати ин беморӣ бояд фаҳмонида шавад.

**Маҳбусон.** Соли гузашта дар муассисаҳои ислоҳотии кишвар барномаи табобати назоратшаванда пурра ворид карда шуд. Яъне агар маҳбус ба бемории сил гирифтор шуда бошад, ташхис ва табобати ӯ ба таври ройгон сурат мепазирад.

Масъалаи дигар: қаблан нафароне, ки аз муассисаҳои ислоҳотӣ ҷавоб мешуданд, аз бемор буданошон ба касе хабар намедоданд. Дар ҳоле ки хуруҷи бемории сил назар ба сектори шаҳрвандӣ дар маҳбасҳо бештар аст. Аз ин рӯ, мо бо роҳбарияти муассисаҳои ислоҳотӣ ба хулосае омадем, ки пеш аз ҷавоб додани маҳбуси бемор, агар вай ниёз ба табобати бистарӣ дошта бошад, ӯро на ба хона, балки рост ба беморхона баранд. Инчунин қабл аз озод шудани маҳбуси бемор мо аз роҳбарияти муассисаи ислоҳотӣ мактуб мегирем ва ба хадамоти беҳдоштии манзили зисти ӯ хабар мерасонем, то чанд муддат зери назорати пизишкон бошад. Бо ин роҳ мо як манбаи сирояти бемории силро аз байн мебарем. Дар ин самт роҳбарияти Вазорати тандурустии ҶТ яку ним соли охир кор мебарад ва ин амалиёт ба низоми муайян дароварда шудааст.

## Ҷаро «Водии марг»?

Имрӯз рӯзноманигороне ҳастанд, ки Восеъро «Водии марг» меғӯянд. Он ҷо водии марг нест. Аз ҷиҳати рақамҳои оморӣ вазъияти Рӯшон ва Кӯлоб назар ба Восеъ ҷиддитар аст. Лекин мардуми як қисми манотиқи кишвар одат кардааст, ки танҳо баъд аз ин ё он маҷола чанд нафар омада, орду гизо биёрад, ё барқу обашро соз кунад. Ин роҳи ҳалли мушкилӣ нест.

## Зарурати ҳамкорӣ

Расонаҳои хабарӣ дар самти пешгирӣ ва назорати бемории сил метавонанд ба мо ёрии амалӣ расонанд. Тамоми қишрҳои ҷомеа, аз сатҳи оила то давлат, аз сатҳи кӯдакистон то донишгоҳ - ҳама бояд пайваста дар ин мавзӯъ ҳарф занем. Агар дар масҷидҳои мо вақте имомхатиб дид, ки дар миёни намозгузорон чанд нафар сулфа карданд, дар ҷамъбаст гӯяд, ки шахсоне, ки сулфа мекунанд ва балғам мебароранд, як бор аз муоинаи пизишк гузаранд, ин ёрии амалӣ мешавад.

Агар ҳама якҷоя фаъолиятҳои иттилоотию маърифатӣ барем ва мардумро огоҳ созем, бемории силро аз байн бурда метавонем.

**Дар навбати худ, Сафири ИМА дар Тоҷикистон Трейси Энн Ҷейкобсон зимни суханронӣ дар нишасти хабарӣ ба забони тоҷикӣ чунин гуфт:**

Баргузории ин чорабинӣ бо кӯмаки Хазинаи Глобалии мубориза бо ВИЧ/СПИД, бемории сил ва табларза имконпазир шудааст. Мо, Ҳукумати Амрико, хеле фахр мекунем, ки саҳмгузори асосии ин хазина мебошем. Ҳукумати Амрико ба Тоҷикистон барои мубориза бо бемории сил аз соли 2004 зиёда аз 2 миллиону 800 ҳазор доллари амрикоӣ кӯмак расонид. Дар доираи ин барнома USAID 13 ноҳияро, ки дар онҳо 1,8 миллион, ё 26% аҳолии Тоҷикистон зиндагӣ мекунад, дастгирӣ кард. Дар натиҷаи кӯшишҳои якҷояи мо бо Вазорати тандурустӣ ва шарикони байналхалқӣ, нишондодҳои табобати бемории сил дар ин ноҳияҳо беҳтар шуд.

Дар Тоҷикистон ҳозир табобати бемории сил бепул аст, аммо одамон бо ёрии журналистон бояд донанд, ки доруҳоро чӣ гуна пайдо кардан лозим аст. Онҳо бояд зарурати табобат аз ин бемории хатарнокро фаҳманд. Барои ин шумо метавонед ба аҳолӣ хатари бемории сил ва роҳҳои пешгирии онро фаҳмонед.




Ñàô î ÑÀÔÀÐÎÂ

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com

# Ёварони ихтиёрӣ паҳншавии силро пешгирӣ мекунанд

**Дар ноҳияи Ваҳдат барномае ҷараён дорад, ки дар заминаи он барои муайянсозию ба табобат фаро гирифтани беморони сил аз кӯмаки ёварони ихтиёрӣ истифода мешавад.**



Роҷеъ ба хусусиятҳои ин таҷрибаи самарабахш танзимгари сафарбаркунии ҷомеа дар барномаи "Бемории сил табобатшаванда аст" дар ноҳияи Ваҳдат Фируза Аскарова чунин гуфт:

- Ин барномаро дар ноҳияи Ваҳдат Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон аз моҳи январи соли 2007 амалӣ мекунад. Мақсади барнома пешгирии ҳолатҳои нави бемории сил, кам кардани теъдоди фавт аз ин беморӣ, инчунин мусоидат ба табобати пурраи беморон тавассути муолиҷаи таҳти назорат (ДОТС) мебошад. Тӯли ду соли фаъолияти барнома дар 150 деҳаи ноҳияи Ваҳдат 311 ёвари ихтиёрӣ омӯзонида шуданд. Ҳоло ихтиёриҳои мард миёни мардон ва зан миёни занон баҳри баланд бардоштани маърифатнокии мардум ва паст кардани доғгузорию ҳазар нисбат ба ин беморӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Дар баъзе деҳот, аз ҷумла, дар ҷамоати Ромит духтурон намерасанд ва ихтиёриҳои омӯзонидаи мо дар он мавзеъҳо табобати беморонро дар зери назорат бурда истодаанд.

Ихтиёриҳоро мо аз байни аҳолӣ бо ризоияти худашон интихоб карда, бо онҳо шартнома мебандем. Миёни онҳо духтуроне ҳастанд, ки шавҳар кардаанду айни замон аз рӯйи ихтисос фаъолият намекунанд. Ба ҷуз ин, муаллимону ронандагон, нафақахӯрону деҳқонон ва бекорону хонанишинҳо низ ҷалб шудаанд. Деҳоте ҳастанд, ки ақидаи динии аҳолиашон баландтар аст. Дар ин ҳолат ягона роҳи мо ба воситаи муллои маҳалла кор бурдан аст, чунки сухани ӯ таъсири бештар дорад. Дар баъзе деҳот ихтиёрии мулло низ дорем.

Ҳамчунин мо дар ҳамкорӣ бо Барномаи Рушди СММ беморони силро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ мекунем. Барои баланд бардоштани рӯҳияи бемор, дар ҳар семоҳа ба ӯ ва ду нафар аъзои оилааш 72 кило орд, 7 кило нахӯд ё мош, 3 литр равған ва 1 кило намаки ошӣ пешниҳод месозем.

Бояд гуфт, ки барномаи мо бо дастгирии созмонҳои Салиби Сурхи Амрико, Финландия, Шветсия ва Норвегия тавассути Федератсияи Байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар амалӣ карда мешавад.

### Ихтиёриёни Меҳробод

Ёвари ихтиёрӣ Мустафо Сатторов оид ба ҷанбаҳои фаъолияти худ чунин маълумот дод:

- Ҳар моҳ як-ду маротиба бо мардум ҷамъомад мекунем. Дар мактаб барои хонандагони синфи 11, дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, дар масҷид дарс гузаронда, фаҳмондем, ки нишонаҳои бемории сил чӣ хеланд. Агар одамон ин нишонаҳоро дошта бошанд, пеши ман барои маслиҳат меоянд. Баъзеи онҳо пинҳонӣ меоянд ва мо номашонро ба ҳеҷ кас намегӯем. Ба онҳо маслиҳат медиҳем, ки аз ташхиси духтур гузаранд. Як нафарашро ман худам гирифта бурдам, ташхис кардем, касал баромад.

Боз варақаҳо дар байни мардум паҳн мекунем, ки донанду аз ин касал эҳтиёт кунанд.

Ихтиёрии дигар аз деҳаи Меҳробод Фазолат Аҳмадова мегӯяд:

- Аз 2 сол зиёд аст, ки миёни аҳолӣ кор бурда истодаем. Байни занҳо рафта, маҷлис мегузаронем, ки бемории сил бо кадом роҳҳо пешгирӣ карда мешавад. Мардум гапҳои моро нағз қабул мекунанд, ба амбулаторияи қишлоқ меоянд. Ман худам 3 нафар касали силро ёфтам. Онҳо аз духтур дору гирифта истодаанд.

### Пизишки маҳаллӣ

Мавлуда Шафоатова, духтури Маркази саломатии деҳаи Меҳробод саҳми ихтиёриёнро дар муайянсозии беморон назаррас арзёбӣ кард:

- Ихтиёриҳо одамони касалро мeёбанду ба ман хабар медиҳанд. Баъд мо онҳоро ба Маркази саломатӣ барои ташхис мефиристем.

Доруҳои беморонро ҳар саҳар бурда медиҳам. Ин 5 намуди доруҳо бепуланд. Аз ин доруҳо 5 нафар табобати пурра гирифта, сиҳат шуданд. Айни замон боз 2 бемори нав табобат гирифта истодаанд. Дар деҳаи мо аз байни 7 гирифтори сил 2 нафараш аз муҳоҷирати меҳнатӣ бемор шуда омаданд.

### "Айб мекунанд"

Нақли як бемор: "Ман 3-4 сол касал будам. Дар чанд беморхона хоб рафтам, духтурон касалиамро наёфтанд. Ман месулфидам, балғам доштам, таб мекардам, хароб шудам. Фазолат маҷлис карда, гуфт, ки касали сил шудед. Ба духтур рафтам, бепул дору доданд. Рӯз ба рӯз беҳтар шудам. Се бор ёрдам карданд. Адёл, 5 линча орд, 10 кило равған, нахӯд доданд. Ҳоло нағзам, ҳама корро мекунам. Табобатро 1 сол пеш сар карда будам. Дар оила як духтарчаам ҳам сил шуд. Ҳар дуямон 3 моҳ дар касалхонаи "Мачитон" хоб рафтем. Духтарам 6 моҳ шуд, ки табобат мегирад. Ҳозир ҳар дуямон ҳам сиҳатем. Ман 9 фарзанд дорам. Худаму шавҳараму фарзандонам бекорем. Як моҳ нашудааст, ки ҳамаи оиламонро духтур бурданд, ренген карданд. Гуфтанд, ки созем".

Пеш аз хайрухуш ҳамсӯҳбатам хоҳиш кард: "Номамро чоп накун, бачам, ки айб мекунанд".

### Саҳми намояндаи дин

Имомхатиби деҳаи Меҳробод Аҳмадҷон ибни Муҳаммадшариф низ зарурати боло бурдани сатҳи огоҳии мардумро оид ба бемории сил таъкид дошт:

- Мо дар ҳар як баромадамон, дар ҳар як вохӯрӣ бо мардум таъкид мекунем, ки агар сулфа шаванду балғамашон зиёд бошад, сариваќт ба пизишкон муроҷиат кунанд ва балғами худро барои ташхис супоранд, ки мабодо ба бемории сил дучор нашаванд.

### Мавқеи расмӣ

Пиромуни корбарии муассисоти тандурустии маҳаллӣ ва тасмимоти муштараки мақомоти давлатӣ дар самти пешгирӣ ва назорати бемории сил Шокир Холов, муовини аввали сардухтури беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат чунин ибрози назар кард:

- Кормандони тамоми муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ дар масъалаи дарёфти сариваќтии нишонаҳои бемории сил омӯзонида шудаанд. Агар нафаре гирифтори бемориҳои ҳамрадиф бошад, яъне дар баробари касали гурда, ҷигар ё дигар узвҳои бадан, зимни ташхис дар шӯъбаҳои беморхонаи марказӣ нишонаҳои сил низ дар ӯ муайян карда шавад, пизишки силшинос даъват гардида, ӯро ба қайд мегирад ва мувофиқи меъёрҳои пешбинишуда табобат мекунад.

Ҳар моҳ таҳти роҳбарии сардухтури беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат Мирзотилло Умризоқов ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба дарёфт ва табобати сариваќтии беморони сил гузаронида шуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта муайян карда мешаванд. Дар ин ҷаласаҳо муовини раиси шаҳри Ваҳдат Руқияхон Раҳматзода низ иштирок мекунад.

### Вазъият таҳти назорат аст

Сарвари Маркази мубориза алайҳи бемории сили шаҳри Ваҳдат Алишерҷон Исломов саҳми ихтиёриёнро дар пешгирӣ ва назорати бемории сил муассир медонад:

- Соли 2006 дар шаҳри Ваҳдат 156 бемор, соли 2007 бо мусоидати ёварони ихтиёрӣ 446 бемор ва соли 2008 мутобиқан 295 бемор ба қайди диспансерӣ гирифта шуданд. Беморонро ба таври ройгон табобат карда истодаем. Ҳоло аз шумораи умумии 295 бемори соли 2008-ум 58 нафари боқимондаро табобат карда истодаем. Дар 3 моҳи соли ҷорӣ боз 59 бемори дигар муайян карда шуданд, ки онҳо низ таҳти назорат буда, табобат мегиранд. Доруҳоро аз Маркази ҷумҳуриявии мубориза алайҳи бемории сил дастрас мекунем ва ҳоло захираи дучанди онро дар ихтиёр дорем.

Беморонеро, ки чӯбчамикроби сил доранд, ба беморхонаи ҷумҳуриявии воқеъ дар шаҳраки "Шифо" мефиристем. Бемор муддати 2-3 моҳ, то мурдани чӯбчамикроб, дар он ҷо муолиҷа мегирад. Сипас аз беморхона ҷавоб шуда, дар маркази мо табобаташро 4-5 моҳи дигар давом медиҳад.

Дар маҷмӯъ, вазъи эпидемиологии бемории сил дар шаҳру ноҳияи Ваҳдат бо кӯмаки ёварони ихтиёрӣ ва дастгирии мақомоти давлатию байналмилалӣ таҳти назорат аст.

**Ñàôî ÑÀÔÀÐÎÂ**

# Саҳми ВАО дар назорати бемории сил меафзояд

Рӯзҳои 16-17-уми март дар шаҳри Душанбе давраи омӯзишӣ барои рӯзноманигорон таҳти унвони «Инъикоси масоили пешгирӣ ва назорати бемории сил дар ВАО-и Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар он 21 рӯзноманигор аз нашрияҳо, садою симо ва хабаргузориҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ ширкат варзиданд. Мақсад аз баргузории чорабинӣ ба рӯзноманигорон омӯзонидани инъикоси касбии мавзӯи бемории сил дар ВАО буд.




Дар ҷараёни тренинг вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Ҷумъабой Сангинов ба ҳайси коршиноси масоили ҳуқуқӣ суханронӣ кард. Ӯ ҷанбаҳои қонунгузорӣ оид ба бемории силро чунин шарҳ дод: «Соли 2006 аз тарафи парлумони кишвар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил» қабул карда шуд. Мо қонуни мазкурро бо назардошти вазъи ҷомеа ва таҷрибаи қонунгузории кишварҳои ҷаҳон таҳия кардем. Дар он як қатор меъёрҳое, ки хусусияти қавмию фарҳангӣ ва динии мардуми моро инъикос мекунанд, ҷойгир карда шуданд».

Вобаста ба заминаҳои ҳуқуқии инъикоси масоили бемории сил дар ВАО ва дастрасии иттилоот Ҷумъабой Сангинов гуфт: «Мавзӯи бемории сил масъалаи сирри давлатӣ нест. Он нигароние, ки имрӯз журналистони тоҷик нисбат ба фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ ва имкониятҳои воқеии пиёда кардани мубориза бар зидди бемории сил зоҳир мекунанд, ба фоидаи кор аст.

Мутаассифона, дар баъзе маврид вокуниши мақомоти расмӣ на он қадар мусбат аст. Чизе, ки рӯзноманигорон бо истифода аз сарлавҳаҳои «сенсатсионӣ» менависанд, зермаънои он танҳо иқдоми хайрхоҳӣ нисбат ба ҳамкории «ҳокимияти чаҳорум» бо мақомоти тандурустии кишвар ё мақомоти қонунгузор аст. Мо набояд ба ҷиҳатҳои шаклӣ аҳамият диҳем. Рӯзноманигор ҳам шаҳрванди Тоҷикистон аст, ӯ ҳам дар ташвиши равандҳои гуногуни вобаста ба сиҳатии аҳолӣ мебошад.

Баъзе роҳбарони муассисаҳо, агар журналистон муроҷиат кунанд, мегӯянд, ки аз вазорати тандурустӣ иҷозат гиред. Чунин расмиятро аз байн бурдан лозим, зеро масъалаи сил барои ҷомеа мавзӯи пинҳонӣ нест. Мавқеи вазири тандурустӣ низ ҳамин хел аст, ки агар рӯзноманигорон муроҷиат карданд, ба масъала равшанӣ андозед ва далелу рақамҳоро пинҳон надошта, баён созед».

Дар қисматҳои дигари давраи омӯзишӣ сармутахассиси Вазорати тандурустии ҶТ оид ба бемории сил Қурбонгул Зокирова, инчунин ҳамоҳангсози робитаҳои иҷтимоӣ ва грантҳои хурди Лоиҳаи ҲОУП дар ҶТ Саодат Қосимова ба рӯзноманигорон пиромуни вазъи эпидемиологии бемории сил дар Тоҷикистон ва ҷанбаҳои тиббии ин беморӣ иттилооти муфассал пешниҳод карданд.

Дар навбати худ, роҳбари барномавии ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии «Бонувони навовар» Субҳия Нозилова ва сарвари ташкилоти ҷамъиятии «Набзи солим» Мавҷуда Қосимова оид ба нақши созмонҳои ғайридавлатӣ дар пешгирӣ ва назорати бемории сил сухан ронданд.

Рӯзноманигорон бо такя ба иттилооте, ки аз тренинги дурӯза ва нишасти хабарӣ бо иштироки масъулони мақомоти давлатию байналмилалӣ гирд оварданд, дар машғулияти амалии ҷамъбастӣ гузоришҳо таҳия карда, мавриди баррасӣ қарор доданд.

Лозим ба ёдоварист, ки ин давраи омӯзишӣ аз ҷониби Вазорати тандурустии ҶТ ва Мактаби мустақили рӯзноманигории «Тоҷикистон – асри XXI» бо дастгирии молиявии USAID тавассути Лоиҳаи ҲОУП ва Хазинаи Глобалии мубориза бо ВНММ (СПИД), сил ва табларза гузаронида шуд.

**Ñàôî ÑÀÔÀÐÎÂ**



PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com